# Оё ислом ҳуқуқи занҳоро поймол кардааст?

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

Умари Хатлони

2010 - 1431

islamhouse.com

# هل الإسلام يتجاوز ويعتدي على حقوق المرأة؟

« باللغة الطاجيكية »

عمر ختلاني

2010 - 1431

islamhouse.com

# Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

# Оё ислом ҳуқуқи занҳоро поймол кардааст?

Ҳамду сано Худовандеро ки инсонро аз нобуди ба вуҷуд овард, ва китоби азизашро барои у ҳамчун дастури зиндагиву бахту саодат дар дунё ва охират қарор дод.

Ва салавоту салом бар беҳтарин шахсе ки дар руй замин қадами муборакашро гузошт, ва бар аҳли байту асҳобаш.

Аммо баъд:

Баъд аз иштирок карданам дар чандин баҳсҳо ва хондани чандин мақолаҳо дар мавриди "Ҳуқуқи зан дар ислом" ба чунин хулоса омадам ки чанд гуфтае дар ин мавзуъ барои азизон пешкаш кунам.
Хонандагони азиз! Ин чанде аз шубҳаҳое ҳастанд, ки баъзе аз душманони дину инсоният миёни мардум меандозанд ва ман баъзе аз онҳоро бароятон пешкаш хоҳам кард, ва сипас ба ҳамаи онҳо алоҳида алоҳида ҷавоб хоҳам гуфт.
**Шубҳаи аввал:** "Гуё мардуми мусулмони тоҷик занҳояшонро аз руй нобовари ва бе эътимодияшон маҷбур ба ҳиҷобпуши мекунанд, дар ҳоле ки мо мардҳо натавонистаем барои занҳо беҳтарин шаройти зисту зиндаги фароҳам созем, пас бо кадом ҳуқуқ мо онҳоро маҷбур ба ҳиҷоб пуши мекунем? ва ин кори мардон сафеҳона мебошад. Ва водоштани зан ба пушидани либосе, ки дилхохи худи у нест, намунае аз зулму ситами мардони рузгори мост ва бояд решакан шавад"
**Дувум:** "Баъзе занҳои ҳиҷобпуш дар зери ҳиҷобҳояшон чандин ҷиноятҳо содир мекунанд"
**Севум:** "Ва баъзеҳо мегуянд: Бояд занҳо баробари мардон бошанд, ва мегуянд ки "Ишкол дар дарки бештари мо аз зан аст ки фикр мекунем камтару кехтар аз моянд. Истилохи тавхиномези “мударози аклкутох” аз хамин биниши танг бар меояд ё “дарахти макри зан сад реша дорад” ихонати табъизомези дигарест гуё марди ақлкутох ва ё маккор андак

дорем “Муштипар” хондани зан ки хамчинси у дар кишвархои дигар умури давлатро идора мекунад беадабии фохиш аст. Басо заноне ки шарофати садто мардро доранд.
Агар мехохед чомеъаи солим ва пешраве бисозем баробарии хуқуқи зану мард бояд ба таври тамому комил баркарор шавад"
Чаҳорум: "Агар ислом барои зан мақоме қоил мешуд пас чаро дар Қурон ҳамавақт хитоб ба суй мардон аст на ба занон.
Панчум:"Барои чи Қурон дар масъалаи тақсими мерос барои зан ҳақи нисфи мардро таъин кардааст пас оё ин поймоли ҳуқуқи зан нест, ва оё ин далолат ба дуюм дарацa будани занро намекунад? ва гуё ки ислом занро ҳамчун канизе барои мард таъин кардааст".
Шашум: "Паёмбари ислом Муҳаммад мегуяд: Ман аз ҳама зиёд Ойшаро дуст медорам пас ҳоли дигар занҳои бечорааш чист оё ин кор дар ҳақи занҳои дигараш зулм нест?

Ва мисли ин шубҳаҳо хело зиёд, аст локин иншоолоҳ фикр мекунам ки рад ба ин шубҳаҳо шубҳаҳои дигарро кифоят мекунад.
Акнун хонандагони азиз! чизе ки ман аз шумо мехоҳам ин аст, ки дар қазоват кардан саросема нашавед, ҳамоно ҳақиқат чизест дуст доштани ва ҳар оқиле дар пай пайдо кардани уст, ва касе ки дар пай ба даст овардани у сари худ сахти биёрад (меҳнат кунад) лаззат ва роҳати баъд аз ба даст овардани уро хоҳад чашид.
Бале роҳи ба даст овардани ҳақиқат сахт ва пурмашақат аст вале роҳи гурез аз он вуҷуд надорад.

Ҷавобам ба шубҳаи аввал ки мегуяд: " Мардуми мусулмон занҳояшонро аз руй нобовари ва бе эътимодияшон маҷбур ба ҳиҷобпуши мекунанд дар ҳоле ки мардҳо наметавонанд барои занҳо беҳтарин шаройти зисту зиндаги фароҳам созанд, пас бо кадом ҳуқуқ онҳоро маҷбур ба ҳиҷоб пуши мекунанд? ва ин кори мардон сафеҳона мебошад. Ва водоштани зан ба пушиданди либосе, ки дилхохи худи у нест, намунае аз

зулму ситами мардони рузгори мост ва бояд решакан шавад.

Аммо ман мегуям: Ҳиҷобро мо мардон ба сари занон маҷбури наовардаем ки, ҳар вақто ки дидем онҳоро аз ҳиҷоб хуш наомад аз кори кардаамон баргардему онҳоро иҷозат диҳем ки сари лучу тан бараҳна кунанд, балки ҳиҷоб мисли дигар ибодатҳо аз ҷониби Худованд ба сари занон фарз шудааст, ҳамон Худое ки намозу рузаву ҳаҷу закоту дигар ибодатҳоро ба гардани бандаҳояш фарз гардонд, ана ҳамон Худо ҳиҷобро барои занҳо фарз гардонд, ва занҳоро амр кард ки ҳиҷоб пушанд, пас Худованд аст ки ҳиҷобро фарз гардонидааст на мардон, ин суханҳо аввал таъна дар зоти Худованд аст чун ки Худованд аст ки ҳиҷобро фарз гардонидааст на мардон.

Дувум дар шахсияти Пайғамбар (с.в) чунки аввалин шахсе ки занҳояшро амри ба ҳиҷобпуши кард у буд, пас ин гуфтаҳо маъной онро дорад ки (ба Худо паноҳ мебарам аз ин сухан) У аз ҷумлаи касонест ки сусткамар мебошанд, ва гуяндаи ин сухан агар заррае имон дошта бошад бояд бидонад ки, ин сухан куфр аст.

Ва ин чунин шароити зиндагиро марбути ҳиҷоб кардаанд, ман ҳайронам ҳиҷоб ба шароит чи дахл дорад, оё агар зан ҳиҷоб напушад ризқу рузияш зиёд мешавад? Баракс ҳар кас агар хоҳад ризқу рузияш зиёд шаваду зиндагияш саодатмандона гузарад, бояд аз амри ризқ диҳанда руй нагардонад.

Ин чунин ман фикр мекунам ки баракс, инсони сусткамару бе номус касест, ки наметавонад пеши роҳи занашро аз бараҳнаги дар пеши мардони бегона

бигирад, бовар кунед ман аз нангу номуси чунин ҷавонмард ҳайронам чи гуна номуси мардии у мебардорад, ки зан ё хоҳару модараш сари лучу ним бараҳна ба шаҳру бозор рафта дигар мардон аз дидани нозукиҳои онҳо лаззат мебаранд, пас маълум мешавад ин зан сад фоиз аз у набудааст шояд панҷоҳ фоизаш аз у бошаду боқи мондааш аз мардум.

Ва мо мусалмонон занҳоямонро фақат ба хотири он амр ба ҳиҷоб пуши мекунем ки Худованд ба он амр кардааст, вақто ки мегуянд аз руи бе эътимоди занҳоро амр ба ҳиҷоб пуши мекунем пас оё вақто ки Пайғамбар (с.в) занҳояш ва занҳои тамоми уматонашро амр ба ҳиҷоб пуши кард оё сабабаш ин буд ки аз занҳояш бовари надошт? Барои чи вақто ки Худованд амр ба ҳиҷоб пушидани занҳо кард нагуфт ки агар бовари надошта бошед онҳоро амр ба ҳиҷоб пуши кунед ва агар бовари дошта бошед ишколе надорад монед чихеле мехоҳанд либос пушидан гиранд?.

Бародарони азиз шумо бубинед 99% мушкилотҳову нобовариҳое ки дар муҷтамаъи мо рух медиҳад, аз хонаводаҳое сар мезанад ки на қонуни ҳиҷобро муроот мекунанду на дигар қавонини шариъатро, оё дар кучае ё гардише  дидаед ки ҳиҷобдоре мошинҳоро манъ карда танфуруши кунад, ман намегуям ки зане ки ҳиҷоб пушид у аз тамоми гуноҳ пок шуда дигар дучори гуноҳ намешавад, балки шояд ҳиҷобдоре ёфт шавад ки ҷиноят кунад локин дар баробарии бе ҳиҷобоне ки ҷомеаи мо 97% мусалмонро фасод карда истодаанд, як дар садро дар бар намегирад.

**Ҷавобам ба шубҳаи дувум ки мегуяд:** "Баъзе занҳои ҳиҷобпуш дар зери ҳиҷобҳояшон чандин ҷиноятҳо содир мекунанд" Аммо нисбат ба он занҳое ки дар зери ҳиҷоб ҷиноятҳо мекунанд, ин кор ба ҳиҷоб ҳеҷ рабте надорад, ин гуна зан ба хотири ҷинояташ гунох мегирад, локин ба хотири ҳиҷобаш савоб хоҳад гирифт, аммо зане ки ҳам ҳиҷоб намепушаду ва боз ҷиноятҳам мекунад ду гунох мегирад, аввал ба хотири бе ҳиҷоби, дувум барои ҷинояташ, Хонандагони азиз ман бароятон мисоле меорам шумо бубинед агар ҷиноткор дар либоси духтурон ё ин ки дар либоси милисаҳо ҷинояте содир кунад пас ба фикри шумо дар ин ҳолат либос гунаҳкор аст, ё касе ки ин либосро пушидааст, пас оё мо духтурону милисаҳоро аз пушидани он гуна либосҳои махсусашон бояд манъ кунем? Албатта ки ҷавобаш барои ҳар оқил маълум аст.

Ногуфта намонад ки вақто ки инсон ҳиҷоб пушид ё ҳаҷ кард ё намоз хонд, ин он маънoро надорад ки у набояд дигар дучори гунох шавад, эътиқоди мо мусалмонон инаст ки дучор шудани инсон ба ҳар гунох мумкин аст, аммо фарқи гунаҳкор аз дигар гунаҳкор дар ин аст ки кадоми аз онҳо аз гуноҳаш тавба мекунад.

**Ҷавобам ба шубҳаи севум ки мегуяд:** " Бояд занҳо баробари мардон бошанд, ва мегуянд ки "Ишкол дар дарки бештари мо аз зан аст ки фикр мекунем камтару кехтар аз моянд Истилохи тавхиномези "мударози ақлкутох" аз хамин биниши танг бар меояд ё "дарахти макри зан сад реша дорад" ихонати табъизомези дигарест гуё марди ақлкутох ва ё маккор андак дорем "Муштипар" хондани зан ки хамчинси у дар кишвархои дигар умури давлатро идора мекунад беадабии фохиш аст. Басо заноне ки шарофати садто мардро доранд.

Агар мехоҳед чомеъаи солим ва пешраве бисозем баробарии хуқуқи зану мард бояд ба таври тамому комил баркарор шавад"

Пеш аз ҳама бояд бигуям ки дар ҳоле ки ягон далиле надоред аз китобҳои муътабари исломи пас истилоҳҳои “мударози ақлкутох” ва ё “дарахти макри зан сад реша дорад” ин суханҳоро ба ислом нисбат надиҳед, мақому манзилате ки ислом барои зан таъин кардааст, зан аз аввали пайдоишаш то зуҳури ислом чунин мақому манзилатро надида буд.
Дар ин шаке нест ки зан ҳеҷгоҳ дар ҳама чиз баробари мард шуда наметавонад, ва ин чунин мардҳам ҳеҷгоҳ дар ҳама чиз баробари зан шуда наметавонад, Худованд барои ҳар кадоми онҳо фарқ гузоштааст ҳам аз ҷиҳати ҷисми ва ҳам аз ҷиҳати нафси ва баробар кардани зан бо мард ин як бузургтарин зулмест дар ҳақи зан, чигуна як ҷинси латиферо баробар ба як ҷинси боқувват мекунанд, Балки ҷое ки бояд зан бо мард баробар бошад бояд онҳоро баробар кард ва ҷой ки бо ҳам баробар нестанд набояд онҳоро баробар кард, мисли ин ки имкон надорад ки мардро маҷбур кунем ки мисли зан ҳомиладор шаваду тавалуд кунаду фарзандонашро маконад, ва инчунин занро низ намешавад ки маҷбур кунем ки дар ҷангҳо иштирок кунаду ризқу рузи пайдо кардану корҳои пурмашақатро ба уҳдааш гузорем, чунки Худованд ҳар як ҷинсро табиъати алоҳида додааст ки агар яке аз онҳоро барои анҷом додани вазифаи дигаре иҷбор созем, пас ин кор дар ҳақи он ҷинс зулм аст. Шумо бубинед азизон, вақто ки зану мардро баробар кард пас бояд чигунае ки мард аз пай ризқу рузи мешавад ва таҳамули корҳои сахтро мекунад ба хотири ин ки як луқма нон пайдо карда дар даҳони зану фарзандонаш монад, ана ҳамин хел бояд зан аз пай ризқу рузи шавад, ва хароҷоти зиндагиро бояд ду тақсим кунанд, ин чунин вақто ки мард аз кор баргашт

бояд зан ба кор равад, чун ки онҳо наметавонанд ҳарду дар як вақт кор кунанд ба хотири ин ки бояд фарзандонро бо навбат нигоҳубин кунанд ку, ин чунин агар мехоҳанд зану мардро баробар кунанд пас занҳам бояд мисли мард ду сол хидмати аскари кунад, бояд зан мисли мард гаӣ шуда шабу руз дар пост мисли мардҳо истад, мисли мард бояд аробакаш шавад.

Пас кадом вақт зану мард ҳамдигарро медида бошанд, пас кадом вақт мард аз дасти занаш таоми гарм мехурда бошад, мисолҳо дар ин бора хело зиёд аст.

Хонандагони азиз оё чунин қонунҳои баробари бо ақли шумо мувофиқ меоянд?.

Барои ҳамин Худованд мегуяд:

" وليس الذكر كالأنثى"

Яъне "Ва мард мисли зан нест"

Акнун бояд фаҳмида бошед ки мақсади Худованд аз ин ки мард мисли зан нест чи мебошад, яъне фарқ дар хилқат аст на дар беҳтари балки дар беҳтари чуноне ки Худованд мефармояд:

" إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ"

Яъне "Беҳтарини шумо назди Худованд бо тақвотарини шумост" бубинед Худованд нагуфтааст ки аз мардҳо балки хоҳ зан бошед ё хоҳ мард ҳарки тақвояш зиёд бошад ҳамон аст беҳтар дар назди Худованд.

Ва имом Аҳмад ибни Ҳанбал ки яке аз бузургтарин уламой ислом аст мегуяд: "Дар мавридҳое ки хибрати мард зиёдтар аст аз хибрати зан шаҳодати як мард баробари шаҳодати ду зан аст ва дар мавридҳое ки хибрати зан аз мард зиёдтар аст шаҳодати як зан баробари шаҳодати ду мард аст" Бубинед хонандагони азиз оё ин айни адолат нест? Оё аз ин ҳам ҳукми одилона вуҷуд дорад?

Ин як фитрати табиист ки Худованд баройӣ зану мард додааст, ва мардро пешвоӣ зан қарор додааст ин чи мушкилие дорад ин далолат бар ин намекунад ки

мардон аз занон беҳтаранд, масалан давлат раиси ҷумҳур дорад пас оё ин раиси ҷумҳур аз ҳаммаи ин мардум беҳтараст не албата фақат раиси ҷумҳури вазифаи уст.

Акнун биёед бубинем ки исломи азиз дар бораи ҳуқуқи зан чи мегуяд.

Зан аз рузи таваллудаш то ба шавҳар баромаданаш кафолату нафақаи у ба гардани падару бародарону дигар калонтарҳои хонаводааш мебошад, ва ба падару бародарону дигар калонтарҳои хонаводааш воҷиб аст ки уро бихуронанду бипушонанду нигоҳу бин кунанд, ва падару бародарону дигар калонтарҳой хонаводааш ҳақ надоранд ки аз пулу моле ки ин зан дорад бигиранд, ва зан ҳақ дорад ки аз пулу моли бародарону дигар калонтарҳой хонаводааш истифода барад, ва дар ихтиёр кардани шавҳараш ҳақи комил дорад касеро интихоб кунад, ва вақто ки ба хонаи шавҳараш меояд тамоми нафақаву хурду хуроку пушоку хонаву дараш дар уҳдай шавҳар мегардад, ва ҳатто ислом иҷозат медиҳад ки зан ҳақ дорад ки аз шир додану нигоҳу бин кардани фарзандаш аз шавҳараш маош гирад, ва ислом барои мард ҷоиз намедонад ки чизе аз пулу моли занашро бигирад магар бо иҷозаташ, локин ба зан иҷозат медиҳад ки аз пулу моли шавҳараш истифода кунад, ва ҳатто агар шавҳар бахил бошаду дар зиндагияш бе ниҳоят сахтгир бошад ислом ба зан иҷозат медиҳад ки бе иҷозати шавҳараш аз моли у барой ҳоҷатҳой зарурияш истифода барад.

Аммо аз нигоҳи аҷру савоб, ягон фарқе миёни зану мард вуҷуд надорад чуноне ки Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِاللَّهِ مِنَ الشَّيْطَٰنِ الرَّجِيمِ ﴿ وَٱلْمُؤْمِنُونَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَآءُ بَعْضٍ يَأْمُرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَيُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ

وَيُطِيعُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ سَيَرْحَمُهُمُ ٱللَّهُ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٧١﴾ التوبة: ٧١

Яъне мардону занон бархе корсози ҳамдигаранд, ки амри маъруфу наҳе аз мункар мекунанд ва намозро бар пой медоранд ва закоти молашонро медиҳанд ва итоъат мекунанд Худову Расули уро. Раҳму шафқат хоҳад кард Худо ин ҷамоъатро. Яқинан Худованд ғолибу дурусткор аст". (Сураи Тавба ояти 71)

Инчунин ислом барои зан ба хотири касб кардани аҷру савоб фурсатҳое муҳаё кардааст ки мард чунин фурсатҳоро надорад чуноне ки дар ҳадиси Паёмбар (с.в) омадааст: Агар зан панҷ вақт намозашро хонад рузаашро гирад пули зиёд дошта бошад закоташро диҳад  шароит дошта бошад ҳаҷ кунад ва шавҳарашро рози созад, дар охират чунин занро аз ҳашт дари биҳишт садо мекунанд ки биё аз ин дари биҳишт бидаро.

Хонандагони азиз оё дар ягон дин ё равияе дидаед ки барой зан чунин ҳуқуқро қойл бошад?

Хонандагони азиз ман барои шумо чанд намунае аз ҳуқуқи зан пеш аз ислом ва баъд аз исломро пешкаш мекунам.

1: Иғриқиҳо пеш аз ислом чунин ақида доштанд, ки зан мисли як дарахти малъунест, ва яке аз палидиҳои шайтон аст, мисли дигар матоъҳо харидаву фурухта мешавад .

2: Румиҳо мегуфтанд: зан аслан руҳ надорад, ва яке аз тариқаҳой азоб доданаш, инаст ки дар сараш равғани ҷушондаги бирезанд ва бо аспҳо то мурданаш лагаткуб кунанд.

3: Хитойҳо гуфтанд ки зан мисли оби палиде ҳаст ки саодатро мешуяд ва барой Хитой ҳақ дода буданд ки занашро зинда ба гур кунад, ва агар шавҳараш мурд хонаводай шавҳар метавонад занашро мирос баранд.

4: Ҳиндуҳо мегуфтанд зан дар бади аз маргу дузаху заҳру оташ ҳеҷ ками надорад, ва баъд аз мурдани шавҳар зан ҳақи зиндагиро надорад, ва бояд бо шавҳараш оташ зада шавад.

5: Ва дар назди Форс иҷозат буд ки мард бо хоҳар ё апа ё модари худ ё духтари худ шавҳари кунад, ва барой форсизабон иҷозат буд ки занашро ба марг ҳукм кунад.

6: Яҳудиҳо мегуянд зан лаънатаст чун ки мардро фирефтаӣ худ мекунад, ва у дар ҳолати ҳайзаш наҷас аст ва набояд ба у наздик шуд, ва барои падараш иҷозат аст ки уро бифурушад .

7: Ва дар назди Араб занро то дараҷаӣ марг бад медиданд ки уро зинда ба зинда гур мекарданд.

Аммо вақто ки нури ислом пайдо шуд барой зан чи ҳуқуқ дод.

Ислом омаду гуфт : чихеле ки Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿وَلَهُنَّ مِثْلُ ٱلَّذِى عَلَيْهِنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ ﴿٢٢٨﴾﴾ البقرة: ٢٢٨

Яъне: "Барои занон ҳуқуқе шоиста аст, ҳамонанди вазифае, ки бар ӯҳдаи онҳост"

Ислом омаду гуфт:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿وَعَاشِرُوهُنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَىٰٓ أَن تَكْرَهُوا۟
شَيْـًٔا وَيَجْعَلَ ٱللَّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيرًا ﴿١٩﴾﴾ النساء: ١٩

Яъне : "Ва бо онон (занон) ба некӯӣ рафтор кунед. Ва агар шуморо аз занон хуш наёмад, чӣ басо чизҳо, ки шуморо аз он хуш намеояд, дар ҳоле, ки Худо хайри бисёре дар он ниҳода бошад.

Ислом омаду гуфт:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿وَمَتِّعُوهُنَّ عَلَى ٱلۡمُوسِعِ قَدَرُهُۥ وَعَلَى ٱلۡمُقۡتِرِ قَدَرُهُۥ مَتَٰعَۢا بِٱلۡمَعۡرُوفِۖ حَقًّا عَلَى ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٢٣٦﴾ البقرة: ٢٣٦

Яъне "Онҳоро ба чизе баҳраманд созед: тавонгар ба қадри тавонаш ва дарвеш ба қадри тавонаш. Ин корест шоистаи некӯкорон".

Ислом омаду гуфт

وَعَاشِرُوهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ

Яъне "Бо занҳо муоширати нек кунед"

Ислом омаду гуфт:

وَلا تُضَارُّوهُنَّ لِتُضَيِّقُوا عَلَيْهِنّ

Яъне: "Ба занҳо зараре нарасонед ба хотири маҷбур кардани онҳо ба чизе".

Ислом омаду гуфт

وَآتُوهُمْ مِنْ مَالِ اللَّهِ الَّذِي آتَاكُم

Яъне: "Аз моле ки Худо барои шумо додааст ба занҳо бидиҳед".

Ислом омаду гуфт:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿وَلِلنِّسَآءِ نَصِيبٞ مِّمَّا تَرَكَ ٱلۡوَٰلِدَانِ وَٱلۡأَقۡرَبُونَ ٧﴾ النساء: ٧

Яъне: "Аз он чӣ падару модар ва хешовандон ба мерос мегузоранд, чӣ андак ва чӣ бисёр занонро низ насибест"

Ислом омаду гуфт: Бубинед дустон ҳатто дар талоқ додан исломи азиз чи ҳукми зебое кардааст.

Худованд мегуяд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿ٱلطَّلَٰقُ مَرَّتَانِۖ فَإِمۡسَاكُۢ بِمَعۡرُوفٍ أَوۡ تَسۡرِيحُۢ بِإِحۡسَٰنٖۗ وَلَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَأۡخُذُواْ مِمَّآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ شَيۡـًٔا ٢٢٩﴾ البقرة: ٢٢٩

Яъне: "Талоқ ду бор аст ва аз он пас ё ба некӯ тарзе нигаҳ доштани ӯст ё ба некӯ тарзе раҳо сохтанаш. Ва ҳалол нест, ки аз он чӣ ба занон додаед, чизе бозситонед"

Ин чунин ислом ба онҳое ки занҳоро туҳмат мекунанд 80 дурра уқубат додааст чихеле ки Худованд мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿ وَٱلَّذِينَ يَرۡمُونَ ٱلۡمُحۡصَنَٰتِ ثُمَّ لَمۡ يَأۡتُواْ بِأَرۡبَعَةِ شُهَدَآءَ فَٱجۡلِدُوهُمۡ ثَمَٰنِينَ جَلۡدَةٗ ﴿٤﴾ ﴾ النور: ٤

Акнун Хонандагони азиз ин баъзе оятҳое ки дар бораи манзилати зан буданд, биёед бубинем ки Пайғамбари ислом (с.в) дар ин бора чи мегуяд: Аз Пайғамбар (с.в) пурсиданд, аз ҳама дар дунё киро зиёд дуст медори? дар ҷавоб гуфт: Ойшаро (занашро).

Дар дигар ҳадисаш мегуяд: "Занҳову мардҳо аз як падару модаранд" .

Дар дигар ҳадисаш мегуяд "Ман аз ин дунё аз ҳама зиёд зану хушбуйиро дуст медорам".

Дар дигар ҳадисаш мегуяд: "Беҳтарини шумо касест ки бо занаш рафтори хуб кунад ва ман бо занам рафтори хуб мекунам".

Дар дигар ҳадисаш мегуяд: "Барои шумо воҷиб аст ки занҳоятонро бихуронеду бипушонед" .

Дар дигар ҳадисаш магуяд: "Беҳтарин пул ҳамон пуле аст ки дар ойлаат сарфаш мекуни".

Дар дигар ҳадисаш мегуяд: Беҳтарини саодатманди фарзанди Одам касест ки зани солиҳа дошта бошад.

Дар дигар ҳадисаш мегуяд: "Ҷойз нест занеро ба зани гирифтан магар ин ки у рози бошад".

Ва дар дигар ҳадисаш: Марде ба назди Паёмбар (с.в) омаду гуфт: "Эй Расули Худо аз миёни мардум кист ки аз ҳама зиёд

бар болоям ҳақ дорад ки барояш муомилаву эҳтироми хуб кунам? Паёмбар (с.в) гуфт: Модарат, он мард гуфт: сипас ки? Паёмбар (с.в) гуфт: сипас модарат, он мард гуфт: сипас ки? Паёмбар (с.в) гуфт: сипас модарат, он мард гуфт: сипас ки? Паёмбар (с.в) гуфт: сипас падарат".

Хонандагони азиз! баъди ин ҳадиси шариф ман фикр намекунам ки касе ҳуқуқи зану мардро дар ислом нафаҳмида бошад.

Акнун хонандагони азиз биёед бубинем занҳоеро ки баъзеҳо даъво доранд, ки онҳо озоданд, мисли занҳои Ғарб чи ҳол доранд, ба фикри ман онҳо озод неву аз озоди озоданд.

Зани Ғарби аз рузе ки ба балоғат мерасад аз хона пеш карда мешавад, ва ба аввалин коре ки рубару мешавад инаст ки ба номусаш таҷовуз мекунанд, дувум ин ки худаш бояд аз паи зиндагияш шавад, ва чи коре ки намекунад бояд рузашро гузаронад .

Колеҷи диросоти байни давлати ки ҷойгоҳаш дар Испаня дар шаҳри Мадрид мебошад дар бораи ҳолати зани Ғарби чанд сол пеш тақрире пешкаш кардааст, дар он тақрир ҳоли зани Ғарбиро хоссатан Амрикову Испаняро диросат гузаронидаанд, ки дар тақрирашон чунин омадааст.

Якум Испаня.

Соли 1990м аз 130 ҳазор зан шикоят шудааст, ки ба номуси онҳо таҷовуз кардаанд, ва онҳоро то дараҷаи қариби мурдан лату куб карданд .

Дар соли 1997м адади шикоятҳои эътидои ҷинси ба 540 ҳазор шикоят расид.

Дувум Америка

Соли 1995м адади ҷиноятҳои таҷовуз ба номус ба 82 ҳазор ҷарима расид, 80% ин ҷаримаҳо миёни дустону

оӣлаҳо буд, аммо пулис мегуяд ки рақами ҳақиқи 35 баробар зиёд аст .

Соли 1997м  ҷамъиятҳоӣ ҳуқуқи зан эълон карданд ки дар ҳар як <u>шаш</u> соня як занро дар амрико таҷовуз мекунанд, ва ин чунин дар ҳамин сол 6 милён зан аз муомилаӣ бади мардон шикоят карданд, 70% занон аз лату куб кардани шадиди мардон шикоят карданд, 4 ҳазор зан дар як сол аз сабаби лату куб мемиранд.

Фақат дар соли 1995м даромади фоҳишахонаҳо ба 2500 милён доллар расида буд.

Хонандагони азиз бовар кунед дар назди ман хело тақрирҳоӣ зиёде ҳаст ки ҳоли занҳоӣ ғарбро баён мекунад, локин ба сабаби зиёд тулони нашудани сухан ман онҳоро зикр накардам, хулосаӣ гап тамоми ин мушкилотҳое ки ба сари занон меояд, ба сабаби бе ҳиҷоби аст, худи шумо бубинед дар куҷо духтари ҳиҷобпуш ба таҷовуз ру бару шудааст, шояд ягонто бошад локин 99% таҷовуз шудагон духтарони беҳиҷобанд .

<u>Ҷавобам ба шубҳай чаҳорум ки мегуяд:</u> "Агар ислом барои зан мақоме қоил мешуд, пас чаро дар Қурон ҳамавақт хитоб ба суй мардон аст на ба занон". Бе шаку шубҳа ин сухан аз аввал то охираш хато ва туҳмат аст, чунки Қурони карим занро дар зиёда аз даҳҳо сураҳояш зикр кардааст ва кифоят мекунад ки бигуем дар ин сураҳои Қурон занро бо шакли мубошир хитоб кардааст мисли сураи "Бақара", "Моида", "Нур", "Аҳзоб", "Муҷодала", "Мумтаҳина","Талоқ" ва балки як сураи комил ки яке аз дарозтарин сураҳои Қурон аст бо номи сураи "Нисо" яъне (Занҳо) мебошад аммо дар муқобил чунин сура ба номи сураи (Мардҳо) вуҷуд надорад, дар Қурони карим тамоми мушкилотҳову аҳкоме ки мутаъалиқ ба зан аст Худованд онҳоро бо таври муфасал баён ва ҳал кардааст, ва инҳам шояд аз ҳикмати Худованд аст ки касе дар ҳақу ҳуқуқи зан таҷовуз накунад.

**Ҷавобам ба шубҳаи панҷум ки мегуяд:** "Барои чи Қурон дар масъалаи тақсими мерос барои зан ҳақи нисфи мардро таъин кардааст пас оё ин поймоли ҳуқуқи зан нест, ва оё ин далолат ба дуюм дараҷа будани занро намекунад? ва гуё ки ислом занро ҳамчун канизе барои мард таъин кардааст".

Аммо дар бораи мерос Худованд меросро бисёр бо адлона тақсим кардааст, шумо бубинед ин ҳақиқат аст ва ин адл аст, вақто ки шахсе аз дунё гузарад ва у соҳиб мол бошад як бачаву як духтар дошта бошад, адл дар инаст ки духтар бояд он моле ки бача мегирад мисли нисфи ҳамон молро бигирад, барои чи? барои ин ки вақто ки духтар ба шавҳар мебарояд он моле ки дар даст дорад як тини уро сарф намекунад ва метавонад ин молро то охири умраш бо худ бимонад чун ки нафақаи у дар уҳдаи шавҳараш аст, аммо бача бошад аз ҳамин ҳақаш то ба шавҳар баромадани хоҳараш дар у сарф мекунад ва вақто ки зан мегирад маҳр медиҳад ва нафақаи занаш ҳам дар уҳдаи уст, яъне чи пулу моле дорад дар нафақаи зан меравад, аммо зан баракс ҳар чизе ки дорад дар дасташ мемонаду аз ҳисоби бародару шавҳараш хурда пушида хоб мекунад, ҳатто бубинед хонандагони азиз дар масъалаи мерос мешавад ҳолатҳое ки зан аз ҳақи мардҳам зиёдтар мегирад, мисол: Агар зане вафот кунаду мерос гузошта бошад ва меросгирҳо шавҳару ду хоҳар аз ҷиҳати модар ва ду бародари аз як падару модар дошта бошад, дар ин ҳолат хоҳарҳои аз ҷиҳати модар ду баробари ҳақи бародари аз як падару модарро мегиранд бо вуҷуди он ки бародари аз як падару модар ба вафотёфта аз хоҳарҳои ҷиҳати модари наздиктаранд, инчунин мешавад ҳолатҳое ки зан мерос мебараду мард не, мисли ин ки агар шахсе аз дунё гузарад ва падари модараш бо модари модараш зинда бошанд, дар ин ҳолат модари модараш (бибияш) мерос мебараду падари модараш (бобояш) мерос намебарад (чи тақсимоти зебое кардааст меросро

Худованд Худоё ҳазорон бор шукрат барои ин неъматҳоят ба бандагони гунаҳкорат)

**Ҷавобам ба шубҳаи шашум ки мегуяд:** "Паёмбари ислом Муҳаммад мегуяд: Ман аз ҳама зиёд Ойшаро дуст медорам пас ҳоли дигар занҳои бечорааш чист оё ин кор дар ҳақи занҳои дигараш зулм нест"?

Дуст доштани як зан маънои инро надорад ки дигар занҳоро бад дидан аст албатта Пайғамбар (с.в) дигар занҳояшро низ дуст медошт локин ба андозаи ҳазрати Ойша не ва дуст дори ин як фитратест ки Худованд уро дар дили инсон меандозад, ва дар ихтиёри инсон нест оё ту метавони касеро дуст надори ё камтар дуст дори худатро маҷбур куни ки дустдориятро ба у зиёд куни албатта дустдори дар иродаи инсон нест ва ҳар кас гуяд ки дар ихтиёри инсон аст пас насиҳати ман барои у чунин аст ки фаромуш накунад ки ба зиёрати табиби нафси биравад .

Пас Хонандагони азиз бояд бидонед ки ҳангоме ки Худованд зану мардро халқ кардааст пас У беҳтар медонад ки кадом кор ба маслиҳати кадоми аз онҳост ва ҳар як кадомро мувофиқи табиъаташ ҳақу ҳуқуқ додааст чуноне ки у мефармояд:

أَعُوذُ بِٱللَّهِ مِنَ ٱلشَّيْطَٰنِ ٱلرَّجِيمِ ﴿ أَلَا يَعْلَمُ مَنْ خَلَقَ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ ٱلْخَبِيرُ ﴿١٤﴾ ﴾ الملك: ١٤

"Оё халққунанда намедонад киро халқ кардааст дар ҳоле ки У бо лутфи худ донандаи зоҳиру ботини тамоми чиз бо тамоми нозукиҳояш мебошад ва аз ҳама чиз бо хабар аст"

Аз Худованд мехоҳам ки ба навиштаи нависанда ва хондани хонанда аҷр диҳад ва моро ба роҳи дуруст ҳидоят фармояд. Омин.